# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи доктории Нуров Нуралӣ Норович**
**дар мавзӯи «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ**
**аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Мирзо Абдулқодири Бедил аз бузургтарин суханварони адабиёти классикии тоҷику форс буда, дар такмили забони шоирона, равнақи шеваҳои писандидаи баёни тоҷикона ва таквини мактаби шеъри ҳунармандона дар адабиёти Шибҳи Қораи Ҳинд мақоми хос дорад. Ӯ дар назму наср қудрату истеъдоди тавонои ҳунариву эҷодии хешро ба ваҷҳи аҳсан рӯнамо сохта, ҷиҳати пурғанову пурмаъно гардидани адабиёти куҳанбунёди тоҷик нақши муассир гузоштааст. Ин нависандаи соҳибсабк ва шоири соҳибмактаб мӯҷиби ба арсаи қаламкашӣ омадани ҳазорон адибу эҷодкори дигар шуда, дар мазмуну мундариҷа ва сохтори бештари анвои манзум, чун маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва дигар жанрҳои ғиноии хос ба таркиби осори худаш таҷрибаву ибтикороти тозаву омӯзандаро ба намоиш овардааст. Ҳамин нубуғи ҳунар ва ғановату таровати баён боис гардидааст, ки дар таърихи адабиёти тоҷик Бедил ба унвони «Абулмаонӣ» шуҳрати беинтиҳо касб кардааст.

Боиси ифтихор аст, ки дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик ҷавонони бедилрасу бедилшинос ҳастанд, ки дар пайравии устоди бузург Садриддин Айнӣ аз омодагиву огоҳии вижаи худ аз равишҳову суннатҳои шинохти рӯзгору осори Бедил муждаи нек медиҳанд.

Яке аз чунин муҳаққиқон адабиётшинос Нуралӣ Нуров мебошад, ки наздики сӣ сол ба тадқиқу маърифати рамзу розҳои каломи шоиронаву ҳакимонаи Мирзо Абдулқодири Бедил машғул аст. Номбурда дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии хеш ба таълифи рисолаву мақолаҳои сершумор муваффақ гардида, вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёти Бедил дар якчанд конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ ширкат ва маърӯзаҳо ироа намудааст. Имрӯз дар

ҳалқаҳои бедилшиносии ҷаҳон адабиётшинос Нуралӣ Нуровро ба унвони яке аз муҳаққиқони тавоно мешиносанд.

Муҳаққиқи мазкур тавонист, ки бар мабнои ҳосили бозёфтҳои пажӯҳишӣ рисолаи докторӣ навишта, онро барои аҳли илм, мухлисону иродатмандон ва кулли пайвандони ҷаҳони зебову саршори шеъри Бедил манзур намояд.

Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки диссертант ба омӯзиши ҳунару таҷрибаҳои фаннии Бедил дар шеър бо нигоҳу назари пурғунҷоиш рӯй оварда, барои ҳалли масоили меҳварӣ аз манобеи зиёди арзишманд ва нусхаҳои мухталифи девону куллиёти шоир истифода бурдааст. Корбурди нусхаҳо, судҷӯӣ аз тазкираҳо, дарёфту таҳлили рисолаву мақолаҳои оид ба зиндагиву ашъори Бедил таълифгардида, бозгӯиву тадқиқи муҳиту фазои бедилшиносӣ аз оғоз то замони мо аз ҷустуҷӯҳои паёпай, вусъати назар ва камолоти таҳқиқотии адабиётшинос Нуралӣ Нуров далолат менамоянд.

Бо назардошти он ки ғазал аз жанрҳои асосии эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил буда, намунаву нишонаҳои ибтикороту бознигариҳои ҳунарии шоир дар ин навъи адабӣ ба таври густурда зоҳир шудааст, диссертант баррасиҳояшро аз сохтору мавзӯи ғазал оғоз менамояд. Сипас, дар хусуси бозтоби афкори адабии шоир дар ғазалиёт, таҳаввули мисраъ, такрори қофия, радифҳои нодир, корбурди авзони маъмулу номаъмул ва дигар масъалаҳо мулоҳиза ронда, барои исботи ҷозибаи каломи шоирона, маънисозиву мазмунбандӣ, тозабаёнӣ, рамзу розҳо, тасвирҳои ғариб, корбурди ғайримуқарарии санъатҳои бадеӣ, шеваҳои интихобу корбасти калимаву таркибҳо ва дигар паҳлӯҳои истеъдоди нотакрори Бедил далелҳои равшан меоварад.

Ин усули таҳқиқ аён месозад, ки, воқеан, муҳаққиқ Нуралӣ Нуров шеъри Бедилро дақиқан маърифат карда метавонад ва роҳу равзанаҳои андешаи шоирро шинохтааст.

Тадқиқоти илмии сомонёфта маълум менамояд, ки муҳаққиқ зимни он асосҳои шарҳу тавзеҳи нуктаҳои калидии ашъори Бедилро устувор намуда, баробари таҳлили поэтикаи ғазалиёти шоир зербинои

фарҳанги мушкилоти осори ӯро мураттабу муназзам гардонидааст. Ин даъворо баҳсҳои дар доираи сабкшиносии шеъри Бедил анҷомёфта ба субут мерасонанд.

Аз навовариҳои дигари кори таҳқиқотии мавриди назар решаҷӯии афкору орои адабиву бадеии Мирзо Абдулқодири Бедил аст, ки пажӯҳишгар онро аз умқи фарҳангу адабиёт ва санъати суханварии Ҳинди қадим, адабиёти классикии тоҷик ва мактаби сабки ҳиндӣ, бахусус, шеваи эҷодии бунёдгузорони он ҷустуҷӯ намуда, тавфиқ меёбад ва гавҳари мақсуд ба даст меоварад.

Бемуҳобо, як бахши аъзами рисолаи докторин Нуралӣ Нуровро метавон забоншиносии шеъри Бедил унвон кард. Муҳаққиқ сареҳан дарк кардааст, ки барои тадқиқи ҳамаҷонибаи поэтикаи ашъори шоир шинохти сохтору таркиб, вазифа ва маонии гуногуни унсурҳои грамматикӣ ногузир аст.

Аз ин рӯ, масоили калимасозӣ, таркибофаринӣ, ибораоройӣ ва таъбирбофиҳои бедилона, ки, маҷмӯан, тарҳи барҷаставу муҷассами «забони бедилӣ»-ро ифода менамоянд, дар диссертатсия хеле доманадор омӯхта шудаанд.

Муҳаққиқ дуруст дарёфтааст, ки шеъри Бедил танҳо баёнгари ҷаҳони андешаву афкори ҳакимонаи ӯ нест, балки он зимнан шореҳи ҷаҳонбинии вай низ мебошад. Ин матлабро тавзеҳи мафҳумҳову истилоҳоти хоси шеъри Бедил дар саросари ғазалиёти шоир собит месозанд. Яъне, шоир баробари халқи мазмуну маонии ноб, инчунин истилоҳоту таъбироти роиҷ дар шеъри худро ташреҳу тафсир ҳам кардааст.

Ҳамзамон, дар бобу фаслҳои алоҳида пайванди шеъри Бедил бо шоирони гузаштаву ҳамзамони ӯ ва адибони даврони оянда мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Соҳиби рисола баробари тадқиқи мукаммали поэтикаи ғазалиёти шоир, инчунин идомаи сабку шеваи нигорандагии ӯро дар густураи адабиёти тоҷику форс ҳамаҷиҳата тадқиқ намудааст.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки рисолаи таҳқиқотии Нуралӣ Нуров аз беҳтарин дастовардҳои илмии адабиётшиносии муосири тоҷик

буда, номбурда баъди омӯзишу ҷустуҷӯҳои пайвастаи бисёрсола мактаби навро дар маърифати шеъри Бедил ба вуҷуд овардааст.

Дар канори чунин дастовардҳо дар фишурда норасоиҳои ҷузъии ислоҳпазир низ дида мешаванд:

1. Дар фишурда бархе аз калимаҳо хеле зиёд ва ҳамеша на аз рӯи вазифаи маъноиашон ба кор мераванд. Мисоли равшан калимаи «қаламрав» аст, ки 27 маротиба истифода шудааст.

2. Муҳаққиқ санъатҳои зиёди бадеии дар ашъори Бедил истифодашударо дар алоҳидагӣ баррасӣ карда бошад ҳам, аммо аз шарҳи чанде аз воситаҳои тасвир, монанди саҷъ, таҷнис, тарсеъ, истиора ва дигар саноеъи серистифодаи шоир худдорӣ намудааст ё мисол наовардааст. Мусалламан ин амали муҳаққиқ сабабе доштааст, ки он бояд тавҷеҳ мешуд.

Ба тариқи хулоса бояд изҳор кард, ки рисолаи илмии Нуров Нуралӣ Норович «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба талаботи таълифи рисолаҳои доктории Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Низомиддин Зоҳидӣ,** **доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии исломии Эрон**

**Имзои Низомиддин Зоҳидиро тасдиқ менамоям.**

25 январи соли 2020

**Суроға:** Теҳрон, Ниёварон, хиёбони Шаҳид Зайналӣ,кучаи 3, хонаи 10
www.tajembiran.tj
E-mail: znsh_57@mail.ru
Тел: +9821 222 99 584